*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 131 (4551) | ЧОРШАНБЕ, 26 ОКТЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## ИҚТИДОРҲОИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКИИ ТОҶИКИСТОН ИМКОН МЕДИҲАД, КИ МИНТАҚА БО НЕРУИ БАРҚИ АРЗОН ТАЪМИН ШАВАД

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону фаъолон ва сокинони шаҳри Норак**

**шаҳри Норак, 24 октябри соли 2022**

**Ҳамватанони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷараёни сафари кории имрӯза ба шаҳри энергетикҳои тоҷик, яъне шаҳри Норак, як агрегати таҷдидгардидаи Неругоҳи барқи обии «Норак» ба ифтихори 50-солагии оғози фаъолияти ин неругоҳи азим ба истифода супорида шуд. Яъне, имрӯз оғози умри дубораи неругоҳ мебошад.

Ба муносибати ҳар ду санаи муҳим ҳамаи сокинони шаҳри Норак, тамоми энергетикҳои мамлакат ва шумо – ҳозирини муҳтарамро табрик мегӯям.

Неругоҳи барқи обии «Норак», ки иқтидори лоиҳавии он 3000 мегаваттро ташкил медиҳад, то имрӯз бузургтарин иншооти гидроэнергетикӣ дар Осиёи Марказӣ ва муаррификунандаи иқтидорҳои азими гидроэнергетикии кишвари азизамон ба шумор меравад.

Мехоҳам боз як нуктаи муҳими дигарро хотиррасон намоям, ки сарбанди аз сангу шағал бунёдгардидаи неругоҳ низ бо баландии 300 метр то имрӯз дар дунё ҷои аввалро ишғол менамояд. Корҳои сохтмони неругоҳ соли 1961 оғоз ёфта, агрегати якуми он бо тавоноии 300 мегаватт 15 ноябри соли 1972 ва бо иқтидори пурра – 2700 мегаватт соли 1979 ба кор андохта шудааст.

Тибқи маълумоти оморӣ, истеҳсоли неруи барқ дар Неругоҳи барқи обии «Норак» ҳар сол ба ҳисоби миёна 11,2 миллиард киловатт – соатро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда зиёда аз 50 фоизи ҳаҷми умумии истеҳсоли барқи солона дар кишвар буда, дар таъмин намудани рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат нақши назаррас дорад.

Дар неругоҳ аз оғози фаъолияти он то имрӯз зиёда аз 486 миллиард киловатт – соат барқ истеҳсол шудааст, ки беш аз 336 миллиард киловатт – соат ё 70 фоизи он ба давраи соҳибистиқлолии кишвар рост меояд.

Имрӯз дар неругоҳ 737 нафар корманд, аз ҷумла 165 нафар бонувону занон, фаъолият доранд ва ҳайати муҳандисиву техникии он 204 нафарро ташкил медиҳад.

Солҳои охир, бинобар куҳнаю фарсуда гардидани таҷҳизоти асосӣ, иқтидори неругоҳ коҳиш ёфта, ҳоло бо тавоноии 2600 мегаватт фаъолият менамояд. Ҳукумати мамлакат бо дарназардошти аҳамияти неругоҳ дар рушди иқтисодии кишвар ва татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегии миллӣ, яъне, расидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ, ҳанӯз аз аввали солҳои 2000-ум таҷдиду барқарорсозии Неругоҳи барқи обии «Норак»-ро оғоз карда буд.

Таи солҳои 2006 – 2016 чарххои кории агрегатҳои 3, 8 ва 9 иваз карда шуданд.

Илова бар ин, 13-уми августи соли 2013 дастгоҳи тақсимоти кушодаи 220 – киловолта бо дастгоҳи тақсимоти пӯшидаи элегазии 220 – киловолта ва 27-уми апрели соли 2016 дастгоҳи тақсимоти кушодаи 500 – киловолта бо дастгоҳи тақсимоти пӯшидаи элегазии 500 – киловолта иваз карда шуданд. Барои анҷом додани корҳои зикршуда ва дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани неругоҳ таи солҳои 2006 – 2016-ум 627 миллион сомонӣ равона карда шуд.

Минбаъд бо ташаббуси Ҳукумати мамлакат ва ҷалби мушовирони байналмилалӣ асосноксозии техникиву иқтисодии лоиҳаи «Таҷдиди Неругоҳи барқи обии «Норак» ва таъмини бехатарии сарбанди он» омода гардид.

Тибқи санади зикршуда, маблағи умумии таҷдиду навсозии неругоҳ беш аз 7 миллиард сомонӣ арзёбӣ гардида, муҳлати умумии татбиқи лоиҳа 10 солро дар бар мегирад ва бо дарназардошти дастрасӣ ба сармоя дар ду марҳила амалӣ карда мешавад. Барои амалисозии марҳилаи якуми лоиҳа то имрӯз қариб 3 миллиарду 300 миллион сомонӣ ва барои марҳилаи дуюми он 1 миллиарду 120 миллион сомонӣ ҷалб гардидааст. Дар доираи марҳилаи якуми лоиҳа иваз кардани се агрегат, 6 трансформатор, таҷдиди дастгоҳи тақсимоти кушода ва иҷрои корҳо вобаста ба таъмин намудани бехатарии сарбанд, дар доираи марҳилаи дуюм иваз кардани 6 агрегати боқимонда, таъмири бинои неругоҳ ва хариди техникаву таҷҳизоти зарурӣ пешбинӣ шудааст.

Баъди татбиқи пурраи лоиҳа иқтидори лоиҳавии неругоҳ аз 3000 ба 3375 мегаватт расонида шуда, бо дарназардошти тавоноии барқароршаванда ва 375 мегаватт иқтидори иловагие, ки дар натиҷаи таҷдид ба даст меояд, иқтидори кории неругоҳ 775 мегаватт зиёд шуда, сатҳу сифати хизматрасонӣ дар неругоҳ ба маротиб беҳтар мегардад ва таъминоти аҳолии кишвар ва соҳаҳои иқтисодӣ бо неруи барқ хеле боло меравад. Яъне, бо анҷом ёфтани корҳои таҷдиду навсозии пурраи неругоҳ иқтидорҳои барқароршаванда ва иқтидорҳои наве, ки дар асоси истифодаи технологияҳои пешрафта ба вуҷуд меоянд, аз иқтидори лоиҳавии Неругоҳи барқи обии «Сангтӯда – 1», ки 670 мегаватт мебошад, зиёдтар мешавад.

Имрӯз агрегати якуми неругоҳ бо иқтидори 375 мегаватт ва бо арзиши қариб як миллиард сомонӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Иқтидори агрегати мазкур қаблан 335 мегаватт буда, баъди навсозӣ 40 мегаватт зиёд гардид.

Қобили зикр аст, ки танҳо аз ҳисоби 40 мегаватт боло рафтани тавоноии агрегати зикршуда истеҳсоли солонаи неруи барқ дар ҳаҷми 160 миллион киловатт – соат зиёд мешавад.

Баъди пурра ба охир расидани таҷдиди неругоҳ, бо дарназардошти 375 мегаватт боло рафтани иқтидори он, истеҳсоли солонаи барқ дар Неругоҳи барқи обии «Норак» 1,5 миллиард киловатт – соат зиёд мегардад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## МУЛОҚОТИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА ВА ВАКИЛОНИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дар ноҳияҳои Лахшу Тоҷикобод, Сангвору Нуробод ва Рашт бо интихобкунандагон вохӯрӣ доир карданд.**

Вохӯрӣ бо фаъолони ноҳияи Рашт дар толори Кохи фарҳанги шаҳраки Ғарм баргузор шуда, дар он доир ба аҳамияти Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъи сиёсиву иқтисодии мамлакат дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, моҳияти Истиқлолияти давлатӣ, сулҳу субот ва ваҳдату якдилӣ суҳбат ороста шуд. Маҳмадтоир Зокирзода бо қаноатмандӣ изҳор дошт, ки сокинони ноҳияҳои водии Рашт сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҷонибдорӣ мекунанду барои амалӣ гардидани он содиқонаву самимона заҳмат мекашанд.

Сипас, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо роҳбарони ташкилоту муассисаҳои ноҳия дар мавзӯи омодагӣ ба зимистонгузаронӣ суҳбат дошт. Бино ба маълумоти масъулин, бо дастгирии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт муассисаҳо бо ангишт ва ҳезум пурра таъмин шуда, биноҳо аз таъмиру тармим баромаданд ва ба зимистон омода мебошанд.

**Дар шаҳри Леваканти вилояти Хатлон 18 октябри соли ҷорӣ вохӯрии вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвиноз Маҷидзода ва Зафари Аҳмадҷон бо интихобкунандагон баргузор гардид.**

Зимни мулоқот вакилон моҳияти Муроҷиатномаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳ дода, оид ба аҳамияти Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, самаранок истифода бурдани замин, захираи маҳсулоти озуқаворӣ, иҷрои босифати даъвати тирамоҳии шаҳрвандон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар масъалаҳои мубрам ибрози андеша карданд.

**Мулоқоти вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуҷаббор Умарзода ва Абдуҳалим Ғаффорзода бо интихобкунандагон аз ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғд дар толори Ҷамоати деҳоти «Шаҳристон»-и ноҳия баргузор шуд.**

Дар он аз вазъи сиёсиву иқтисодии солҳои аввали соҳибистиқлолии мамлакат ёдовар шуда, вакилон зарурати баргузор гардидани Иҷлосияи тақдирсози шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷандро тавзеҳ доданд. Ҳамчунин, оид ба саҳми бузурги Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини сулҳу субот ва таҳкими рӯзгори осудаи мардум, якпорчагии мамлакат ва рушди ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии кишварамон суҳбат ороста шуд.

Интихобкунандагон, аз ҷумла сокини деҳаи Шаҳристон Ҳасан Каримов, роҷеъ ба масъалаи додани мақоми шаҳрак ба деҳаи Шаҳристон, сокини деҳаи Фирдавсӣ Холбой Ризоқулов оид ба масъалаи марзӣ, Сафар Аллаёров бобати дастгирӣ намудани раисони кумитаи маҳаллаҳо ва Умар Ёқубзода - раиси Ҷамоати деҳоти «Шаҳристон» вобаста ба бунёди хатти оби полезӣ ва обанбор ба вакилони мардумӣ муроҷиат карданд.

**Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Азиз Гиёзода аз ҳавзаи интихоботии Хоруғ, 41 бо сокинони шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мулоқот намуда, дар бораи аҳамияти Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ, саҳми калидии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи тақдирсоз, дастгириҳои бесобиқаи Давлату Ҳукумати мамлакат барои пешрафти маркази вилоят, аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ ёфтани он, татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръат ва рушди соҳаҳои ҳаётан муҳим маълумот дод.**

Таъкид шуд, сокинонро мебояд, ки дастовардҳои ваҳдату соҳибистиқлолӣ ва ягонагию рушди Ватанро азизу гиромӣ дошта, дар марҳилаи рушди он ҳаммароми Давлату Ҳукумати кишвар бошанд.

Сипас, байни вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, роҳбарияти шаҳру вилоят ва интихобкунандагон мулоқоти озоду самимӣ сурат гирифта, пешниҳодҳои судманд манзур гардиданд.

**Зимни мулоқоти вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳа Холмаҳмадзода бо интихобкунандагон дар маркази ноҳияи Турсунзода зикр шуд, ки барои таъмин намудани афзалиятҳои муайяншуда ва рушди минбаъдаи кишварамон манбаъ ва иқтидорҳои бузурги захиравӣ мавҷуданд.**

Бинобар ин, зарур аст, ки барои нигоҳдории суръати пешрафт, инчунин ба хотири таъмин намудани рушди минбаъдаи устувори иқтисоди миллӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар бояд омилҳои зарурӣ ба инобат гирифта шаванд.

Дар мулоқот доир ба дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии мамлакат, равнақ ёфтани бунёдкориҳо дар шаҳру навоҳӣ, истифодаи самараноки замин, захираи маҳсулоти ғизоӣ низ гуфтугӯ сурат гирифт.

**Вохӯрии вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фозил Обидзода бо интихобкунандагон дар толори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №103-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе доир гардид.**

Номбурда оид ба амалӣ намудани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Муроҷиатномаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сокинони мамлакат, инчунин маърифати шаҳрдорӣ ибрози назар намуд.

Дар фарҷом интихобкунандагон ба саволҳояшон посух гирифта, барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта пешниҳодҳо карданд.

---

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Диловари МИРЗО, Сулаймон СУЛТОНОВ, Мухтори АБДУЛЛО, Машҳур ИМОМНАЗАР,**
**«Садои мардум»**

## БАРХӮРД БО ТАҲДИДУ ХАТАРҲОИ МУОСИР МУНОСИБАТ ВА ИҚДОМҲОИ НАВРО ТАҚОЗО ДОРАД

**Суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи ҷаласаи Раиси Маҷмаи умумии СММ оид ба омодагӣ ба Конфронси оби СММ дар соли 2023 аз тариқи фосилавӣ**

**шаҳри Душанбе, 25 октябри соли 2022**

**Муҳтарам Раис!**
**Муҳтарам Дабири кулл!**
**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Бо камоли майл аз баргузории ҷаласаи имрӯза истиқбол менамоям ва онро дар раванди омодагӣ ба Конфронси оби СММ дар соли 2023-и Созмони Милали Муттаҳид иқдоми саривақтӣ медонам.

Ба Раиси Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид ҷаноби Чаба Короши барои ташкили ин чорабинии муҳим ва ба ҳамаи ҳозирин барои иштирок дар он сипоси худро иброз менамоям.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҷаҳони имрӯза зери таъсири таҳдиду хатарҳо ва таҳаввулоти амиқ қарор дорад. Бинобар тағйирёбии иқлим имсол мо шоҳиди зуҳуроти бесобиқаи офатҳои табиӣ гардидем. Аврупоро гармии шадид фаро гирифт, ки ин боиси сӯхтори бешазорҳо, хушкшавии дарёҳо ва норасоии об гардид. Ҳамзамон бо ин, қисмати ҷануби сайёра зери таъсири селу обхезиҳои харобиовар қарор гирифт. Мутаассифона, ин равандҳо чандин сол аст, ки идома доранд ва таъсири онҳо сол то сол фарогиру шадид мегардад.

Қобили зикр аст, ки меҳвари ин равандҳоро об ҳамчун асоси ҳаёти инсоният ва василаи муҳими таъмин намудани рушди устувор ташкил медиҳад. Мусаллам аст, ки бархӯрд бо чунин шароит дарку фаҳмиш, муносибат ва иқдомоти наву муассирро тақозо менамояд.

Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, барои солҳои 2018-2028», ки бо ибтикори Тоҷикистон эълон шудааст, барои муттаҳидсозии талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ин ҷода заминаи хубро фароҳам овардааст.

Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид, ки татбиқи миёнамуҳлати даҳсолаи мазкурро арзёбӣ хоҳад кард, аз лиҳози замонӣ, аллакай, таърихӣ мебошад. Дар ин замина, ҳар яки мо масъулият дорем, ки онро аз лиҳози мазмуну муҳтаво ва натиҷаҳо низ таърихӣ гардонида, ҳамаи имконот ва талошҳоро барои расидан ба ҳадафҳоямон сафарбар намоем.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Подшоҳии Нидерландия ҳамчун ҳамраисони конфронс якҷо бо Департаменти Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва механизми «Созмони Милали Муттаҳид - Об» пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ин ҳамоиш барои ҷаҳониён «лаҳзаи таҳаввулоти куллӣ дар соҳаи об» гардад.

Дар ин робита, мехоҳам нақши калидии Конфронси дуюми Душанбе оид ба Даҳсолаи байналмилалии обро дар раванди омодагӣ ба Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид дар соли 2023 махсус таъкид намоям.

Ҳамоиши Душанбе натиҷаи платформаҳои чорабиниҳои гуногуни минтақавию ҷаҳониро ба ҳам оварда, паёмҳои асосиро барои Конфронси Ню-Йорк таҳия намуд ва барои пешбурди яке аз натиҷаҳои асосии он – «Рӯзномаи амал дар соҳаи об» заминаи воқеиро фароҳам овард.

**Муҳтарам иштирокдорони ҷаласа!**

Мавзӯъҳои муколамаҳои интерактивӣ, ки фарогири мушкилоти умдаи соҳаи об мебошанд, аз ҷониби Тоҷикистон ва Нидерландия дар асоси машваратҳо бо кишварҳои аъзо ва ҷонибҳои манфиатдор таҳия гардидаанд. Мо умед дорем, ки онҳо аз ҷониби шумо дастгирӣ хоҳанд ёфт.

Дар баробари ин, аз нигоҳи мо, «Рӯзномаи амал дар соҳаи об» ба уҳдадориву амалҳои наву инноватсионӣ ниёз дорад. Ба ин манзур, бояд иқдомоте рӯи даст гирифта шаванд, ки ба амалҳо ва тартиби корбарии мо тағйироти ҷиддӣ ворид менамоянд. Маҳз бо ворид кардани чунин тағйирот мо метавонем баояндаи аз лиҳози захираҳои об амну осуда умед бандем. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Подшоҳии Нидерландия тамоми ҷидду ҷаҳди худро барои татбиқи ин масъулияти бузург сафарбар менамоянд.

Бо истифода аз фурсати муносиб ба ҷониби Нидерландия барои ҳамкории судманд дар раванди омодагӣ ба Конфронси оби СММ дар соли 2023 миннатдорӣ баён менамоям.

Ҳамкории кишварҳои мо, бешубҳа, намунаи возеҳи он аст, ки чӣ тавр об метавонад ҷонибҳои гуногунро аз минтақаҳои болообу поёноб, кӯҳсору водӣ, кишварҳои пешрафта, рӯ ба тараққӣ, камтараққӣ ва ғайра ба ҳам оварад. Дарвоқеъ, об неруи бузург дорад ва мо бояд аз он дурусту оқилона истифода барем!

Итминон дорам, ки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, хусусан роҳбарони кишварҳову ҳукуматҳо, тавассути иштироки фаъол ва суръатбахшии амалҳо дар татбиқи ин ҳадаф саҳми муносиб хоҳанд гузошт.

Тоҷикистон ҳамчун ташаббускори Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор» ба ҳамаи ҷонибҳо барои иштироки фаъол дар раванди омодагирӣ ба Конфронси оби СММ дар соли 2023 миннатдории хешро иброз менамояд.

**Барои таваҷҷуҳатон сипосгузорам!**

# ИҚТИДОРҲОИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКИИ ТОҶИКИСТОН ИМКОН МЕДИҲАД, КИ МИНТАҚА БО НЕРУИ БАРҚИ АРЗОН ТАЪМИН ШАВАД

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону фаъолон ва сокинони шаҳри Норак**

**шаҳри Норак, 24 октябри соли 2022**

**(Идома аз саҳ. 1)**

Дигар нуктаи муҳим ин аст, ки ҳамаи таҷҳизоти асосӣ ва технологияҳои барои таҷдиди неругоҳ истифодашаванда аз кишварҳои пешрафта ворид карда шуда, ба стандартҳои байналмилалӣ пурра ҷавобгӯ мебошанд ва амалӣ гардидани ҳадафи соҳаи энергетикаи Тоҷикистонро дар самти рушди инноватсионӣ таъмин менамоянд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Дар шароите ки тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он, аз ҷумла танқисии торафт афзояндаи об ба инсоният зарари калон расонида истодааст, бунёди неругоҳҳои барқи обӣ иқдоми басо зарурӣ ва саривақтӣ мебошад.

Қобили зикр аст, ки иқтидорҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон аз талаботи имрӯзаи ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ба неруи барқ се баробар зиёдтар буда, имконият медиҳанд, ки минтақа бо неруи барқи арзон ва аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин карда шавад.

Дар баробари ин, хотирнишон менамоям, ки ояндаи кишварро бе рушди соҳаи энергетика тасаввур намудан ғайриимкон аст. Маҳз ба ҳамин хотир мо барои таъмин намудани рушди соҳа тамоми захираву имкониятҳоро сафарбар намуда, ҳамкориро бо сармоягузорон ва ширкатҳои бонуфузи ҷаҳонӣ вусъат дода истодаем.

Бо истифода аз фурсати муносиб ба шарикони рушд, сармоягузорон, роҳбарони ширкатҳои бонуфузи Австрия, Олмон, Чин, Швейтсария ва кишварҳои дигар, пудратчиён ва муҳандисону мутахассисон, мушовирони байналмилалӣ ва ҳамаи онҳое, ки дар раванди азнавсозии Неругоҳи барқи обии «Норак» саҳм гузошта истодаанд, миннатдории хешро баён карда, ба онҳо барори кор орзу менамоям.

Ҳамчунин, мехоҳам хотиррасон намоям, ки ҳоло Ҳукумати мамлакат, дар баробари бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» барои таҷдиди неругоҳҳои амалкунанда ва низоми энергетикии кишвар, аз ҷумла неругоҳои барқи обии «Сарбанд» ва «Қайроққум» якчанд лоиҳаҳои бузурги сармоягузории давлатиро амалӣ карда истодааст.

Дар натиҷа, таҷдиди Неругоҳи барқи обии «Сарбанд» ба маблағи қариб якуним миллиард сомонӣ ба анҷом расонида шуд ва иқтидори он бо дарназардошти иқтидори барқароршуда 110 мегаватт зиёд гардид.

Ҳоло таҷдиди Неругоҳи барқи обии «Қайроққум» бо ҷалби беш аз ду миллиард сомонӣ идома дошта, баъди ба анҷом расидани корҳо иқтидори он 48 мегаватт зиёд мегардад.

Умуман, барои таҷдиду навсозии неругоҳҳои амалкунанда ва низоми энергетикии мамлакат, бо дарназардошти 5 миллиард сомоние, ки ҷиҳати таҷдиди Неругоҳи барқи обии «Норак» то имрӯз ҷалб шудааст, лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ба маблағи зиёда аз 12 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодаанд.

**Дӯстони азиз!**

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ба шарофати дастгириву ғамхориҳои Ҳукумати мамлакат ва заҳмати содиқонаи мардуми кишвар тамоми шаҳру ноҳияҳои Ватани азизамон, аз ҷумла шаҳри зебоманзари Норак, ба таври назаррас ободу зебо ва пешрафта гардидаанд.

Таи 31 соли охир барои рушди иҷтимоиву иқтисодии шаҳр аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, дар маҷмӯъ, беш аз 4,8 миллиард сомонӣ, аз ҷумла аз буҷети давлатӣ 530 миллион сомонӣ, равона гардидааст.

Танҳо дар давоми 15 соли охир дар шаҳр 22 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 1,5 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло татбиқи боз 7 лоиҳаи дигар идома дорад, ки дар доираи онҳо то имрӯз 1,3 миллиард сомонӣ аз худ карда шудааст.

Илова бар ин, дар «Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии шаҳри Норак барои солҳои 2021 - 2025» амалисозии 183 лоиҳа ба маблағи умумии 453 миллион сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки ба рушди соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии шаҳр ва таъсиси ҷойҳои кор барои сокинон равона шудаанд.

Дар шаҳри Норак ҷиҳати таҷлили сазовори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ 206 иншооти иҷтимоиву иқтисодӣ бунёду азнавсозӣ гардида, ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ бунёди боз 180 иншооти дигар пешбинӣ гардидааст.

Бовар дорам, ки мардуми ватандӯсти шаҳри Норак корҳои ободониву бунёдкориро вусъати бештар бахшида, ин ҷашни бузургро бо дастовардҳои арзанда истиқбол мегиранд.

Дар ин раванд, роҳбарону масъулони шаҳр, намояндаи Ҳукумати мамлакат ва вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати тақвият додани корҳои ободониву созандагӣ, бо риояи санъати баланди меъморӣ бунёд кардани иншоот, идомаи рушди инфрасохтори шаҳр, инчунин, истифодаи самаранок ва нигоҳдории иншооти бунёдшуда мунтазам чораҷӯӣ намоянд.

Дар робита ба ин, хотиррасон менамоям, ки шаҳри Норак дорои иқтидори бузурги сайёҳӣ буда, таъмин намудани рушди инфрасохтори муосири сайёҳиву фароғатӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим мебошад, ки метавонад ба ташкили ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши даромади буҷет ва аҳолӣ мусоидат намояд.

Шаҳри Норак бо дарназардошти дар ҳудуди шаҳр қарор доштани обанбори неругоҳҳои барқи обии «Норак» ба дарозии 70 километр, «Бойғозӣ» 30 километр ва дарёи пур аз оби мусаффо, табиати зебо ва боду ҳавои мусоид метавонад ба яке аз минтақаҳои сайёҳии кишвар табдил ёбад.

Бо дарназардошти мавқеи ҷойгиршавӣ, яъне ба пойтахти мамлакат наздик будани шаҳри Норак ва роҳи муосири мошингард, ташкил намудани хатсайр барои сайёҳони хориҷиву дохилӣ дар мавзеъҳои истироҳативу фароғатии шаҳр ва обанбори неругоҳ, ташкили инфрасохтори муосир ва нуқтаҳои хизматрасонӣ вазифаи аввалиндараҷаи роҳбарияти вилояту шаҳр ва масъулини соҳа ба ҳисоб меравад.

Тибқи маълумоти оморӣ, ҳоло дар ҳудуди шаҳр 17 корхонаи саноатӣ фаъолият дошта, маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ дар нуҳ моҳи соли 2022 ба 1 миллиарду 280 миллион сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 61 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Роҳбарону масъулини шаҳрро зарур аст, ки якҷо бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав ҷиҳати таъсиси корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ, фаъолгардонии иқтидорҳои мавҷуда дар асоси технологияҳои муосир ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар заминаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар намудҳои ашёи хом тадбирҳои мушаххас андешанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Чунон ки мушоҳида мекунед, вазъи мураккаби ҷаҳони имрӯза, аз ҷумла гармшавии иқлим ва оқибатҳои манфии он - хушксоливу камобӣ, кам шудани истеҳсоли маводи ғизоӣ, норасоии маҳсулоти озуқа ва мунтазам боло рафтани нархҳо таҳдиди хатари гуруснагӣ дар минтақаҳои гуногуни олам ва мушкилоти дигар таъмини амнияти озуқавориро ба масъалаи муҳимтарини рӯз табдил додааст.

Дар чунин шароити ҳассос истифодаи самараноку оқилонаи ҳар як ваҷаб замин, вусъат додани кишти такрорӣ, парвариши сабзавоти барвақтӣ, рушди соҳаи моҳипарварӣ ва истифодаи васеи гармхонаҳо дар тамоми фаслҳои сол роҳи асосиву муҳимтарини бо маҳсулоти ниёзи аввал таъмин намудани фаровонии бозори истеъмолӣ ва пешгирӣ кардани болоравии нархҳо мебошад.

Вобаста ба ин, сокинони кишварро бори дигар огоҳ месозам, ки бо дарназардошти вазъи бисёр мураккаби ҷаҳони муосир ба сарфаю сариштакорӣ ва риояи қатъиву ҳатмии талаботи қонуни танзими расму оин ҷиддӣ муносибат намоянд ва фикри аҳли оилаву фарзандони худро кунанд.

Чунон ки ҳамватанони мо огоҳанд, имрӯзҳо бо сабабҳои маълум бисёр кишварҳои оламро буҳрони энергетикӣ фаро гирифтааст ва ҳатто баъзе давлатҳои хеле пешрафта низоми маҳдуди интиқоли барқ, гармӣ ва сӯзишвориро барои мардуми худ ҷорӣ карда истодаанд.

Бинобар ин, ҳар як оила ва тамоми ташкилоту муассисаҳо дар мавсими тирамоҳу зимистон ба истифодаи сарфакоронаи неруи барқ эътибори ҷиддӣ диҳанд.

Ҳоло бо истифода аз рӯзҳои мусоид дар кишвари мо низ маҳдудияти интиқоли барқ амал карда истодааст. Вале ин ҳолат муваққатӣ буда, ба хотири дар фасли сармо бо барқ пурра таъмин намудани аҳолӣ ҷорӣ шудааст.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки соҳаҳои маориф ва тандурустии шаҳри Норак дар замони соҳибистиқлолӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардидаанд.

Дар ин давра дар шаҳр 25 бинои таълимӣ барои беш аз 9 ҳазор хонанда ба маблағи 95 миллион сомонӣ сохта, ба истифода дода шудааст. Имрӯз дар 31 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии шаҳр зиёда аз 16 ҳазор хонандагон таълиму тарбия мегиранд. Илова бар ин, дар шаҳр бунёди боз якчанд муассисаи нави соҳаҳои маорифу тандурустӣ ба нақша гирифта шудааст, ки дарояндаи наздик ба фаъолият оғоз мекунанд.

Амалисозии нақшаву барномаҳои созандаи Ҳукумати кишвар ба рушду тараққиёти ҳамаи шаҳру ноҳияҳои мамлакат, аз ҷумла шаҳри Норак, мусоидат карда, дарояндаи наздик шаҳр боз ҳам ободу зебо ва сатҳу сифати зиндагии сокинони он хеле беҳтар мегардад.

Вале хотиррасон менамоям, ки истифодаи самараноки захираву имкониятҳои мавҷуда ва таъмин намудани пешрафти устувори иқтисодиву иҷтимоии шаҳр, пеш аз ҳама, аз фаъолияти содиқонаи роҳбарону масъулон, мутахассисону фаъолон, заҳмати содиқона ва азму талоши созанда, инчунин, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастии ҳар як сокини шаҳр вобаста мебошад.

Зарур аст, ки бо ҷалби соҳибкорони ватандӯст ва аҳолӣ корҳои ободониву созандагӣ, аз ҷумла бунёди коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ, беҳтар гардонидани шароити инфрасохтори иҷтимоӣ ва коммуникатсиониро боз ҳам вусъат дода, барои сокинон ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шаванд.

Хотиррасон менамоям, ки мо метавонем бо ҳамин роҳ шиддати муҳоҷирати меҳнатиро паст гардонем. Ҳамчунин, мехоҳам ёдовар шавам, ки сокинони шаҳри Норак бо таҷрибаи бои худ дар ҷодаи бунёд кардану идора намудани иншооти энергетикӣ шуҳрати зиёд доранд. Ҳамин аст, ки имрӯз онҳо дар сохтмони иншооти азими аср – Неругоҳи барқи обии «Роғун» саҳми бисёр арзишманд гузошта истодаанд.

Бовар дорам, ки мардуми ватандӯст, бонангу номус ва матиниродаи шаҳри Норак минбаъд низ бо ҳисси баланди милливу хештаншиносӣ барои ҳифзи дастовардҳои таърихии халқамон, ҳимояи манфиатҳои давлати соҳибистиқлоламон ва миллати куҳанбунёдамон саъю талош карда, бо заҳмати содиқонаву софдилонаи худ ин гӯшаи хушманзараи Ватани маҳбубамонро нисбат ба имрӯз ободу пешрафта мегардонанд ва шарафу шуҳрати шаҳри энергетикҳои Тоҷикистонро боз ҳам баланд мебардоранд.

Дар интиҳо ба кулли мардуми меҳмоннавозу сарбаланди шаҳри Норак ва ҳамаи шумо – ҳозирини арҷманд хонаи обод, саломативу хушбахтӣ ва барори кор орзу менамоям.

**Доимо муваффаку пирӯз бошед, ҳамдиёрони азиз!**

---

**Номи нек – самараи кори нек**

**Одатан қаҳрамонҳои матолиби навиштаам, ки дар онҳо корномаи зиндагӣ ва хислатҳои неки ашхоси алоҳида васф шудааст, нафақахӯр мебошанд. Ин омил рамзу ҳикмат дорад. Агар замони соҳибмансаб будани шахс чунин матлаб иншо шавад, бинобар сабабҳое, ки ҳоҷат ба шарҳу тавзеҳ надоранд, моҳияту самимият ва воқеияти он зери суол меравад. Бегуфтугӯ, шахсиятҳои хирадманду соҳибмаърифат дар ҷомеа ҳамеша соҳибэҳтироманд, зеро онҳо хушбахтиашонро дар саодати халқу миллат ва кишвар дониста, манфиати ҷомеаро аз нафъи худ боло меҳисобанд. Аз ин қабил ашхос, ки кори нек меҳвари зиндагиашон аст, баъд аз нафақахӯр шудан номи нек мемонад. Ҳамрохон Расулов аз зумраи чунин нафарон мебошад.**

# КАРДА УМРИ ХЕШРО САРФИ АМАЛҲОИ НАКУ



Бо мавсуф, замоне ки роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, шинос шудам. Аз ҳоли кормандон хабардор будан, бо шароити кори онҳо аз наздик шинос шудан, дар ҳалли мушкилот ёрии беғаразона расонидан, дар ғаму шодии онҳо шарик будан аз хислатҳои наҷиби Ҳамрохон Расулов мебошад, ки бевосита шоҳид гардидам. Ба ёд овардани яке аз онҳоро бамаврид медонам. Сафари фаврӣ ба хориҷа пеш омаду мани он замон нав ба журналистика воридгардида шиносномаи хориҷӣ надоштам. Бо усули маъмулӣ гирифтани он вақти нисбатан зиёдро тақозо мекард, ки барои муҳлати пешбинигардидаи сафар созгор набуд. Дӯсти қадршиносе маслиҳат дод, ки агар аз номи муассиси рӯзнома - Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати корҳои хориҷӣ ҷиҳати мусоидат мактуб ирсол шавад, масъала зуд ҳал мегардад. Ба қабули Ҳамрохон Расулов рафтам, бениҳоят хуш қабул ва фавран мактуби зикршударо омода намуд. Воқеан ҳам, хеле зуд соҳиби шиносномаи хориҷӣ гардидаму сафар низ бобарор сурат гирифт. Ин некии шояд барои бисёриҳо ҷузъӣ аз ҷамъи амалҳои хайри қаҳрамони матлаб «муште аз хирвор» аст. Ба ибораи дигар, ӯ умрро сарфи амалҳои наку кардааст.

Бо ташаббус, пешниҳод ва идеяҳои сершумори Ҳамрохон Расулов дар замони фаъолият дар соҳаҳои гуногун корҳои арзишмандро амалӣ намудааст. Хуб дарк карда буд, ки рукнҳои муҳими давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд интихоботи озод, волояти қонун ва парлумони касбист. Дар замони муосир бе мусоидати парламент, яъне мақоми намояндагӣ ва қонунгузор, рушд ва нумӯи кишвари соҳибистиқлол ғайриимкон аст. Номбурда дар қатори дигар масъулин кӯшиш ба харҷ дод, ки парламентаризми тоҷик дар баробари истифодаи таҷрибаи неки кишварҳои пешрафтаи дунё мутобиқ ба талаботи ҷаҳони муосир, бо назардошти манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ, дар шароити таҳдиди буҳронҳо ва ҷаҳонишавии манфиатҳо роҳи таърихии ҳуқуқэҷодкуниро тай намояд, ки ба воситаи он ҳастии миллати соҳибтамаддун ва табиати халқи соҳибдавлат ҳифз гардад. Ифтихорманд аст, ки ба шарофати таваҷҷуҳу дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат дар баробари намояндагӣ аз халқ ва ифодаи иродаи мардум, инчунин дар дифоъ аз манфиатҳои низоми ҳуқуқии кишварро ба низоми ҳуқуқии давлати комилан мустақили миллӣ табдил диҳад. Табиист, ки дар ин дастовардҳо саҳми Ҳамрохон Расулов минҳайси роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2004 - 2016) бориз аст. Дар заминаи мушоҳидаҳо гуфта метавонам, ки ӯ кори роҳбариро то сатҳе медонад ва кормандро қадр мекунад, ки ҳар нафари содиқ ва поквиҷдон аз ӯ ҳаргиз озор надидааст. Расидан ба ин мартаба барои номбурда осону ҳамвор набуд, аммо фитрати азалӣ, устуворию ҷасорати беандозаи шахсию иродаи қавии сиёсӣ, меҳру муҳаббати бузург ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, миллату Ватан боис шуд, ки дар ҳама самт комёб гардад.

Масири зиндагии ӯ аз октябри соли 1949, замони таваллуд шурӯъ гардида, дар вазифаҳои гуногун, аз ҷумла, муаллими мактаби миёнаи № 6-и шаҳри Кӯлоб, нозири шуъбаи мактубҳо ва арзу шикоятҳои шаҳрвандони Кумитаи иҷроияи вилояти Кӯлоб, инструктори шуъбаи ташкилии Кумитаи иҷроияи вилояти Кӯлоб, котиби Кумитаи иҷроияи ноҳияи Ховалинг, мудири шуъбаи ташкилӣ ва кор бо кадрҳои Кумитаи иҷроияи вилояти Хатлон, мудири шуъбаи корҳои Кумитаи иҷроияи вилояти Хатлон, котиби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Идораи молиявию хоҷагии имрӯзу фардои шаҳрвандон, қабули санадҳои ҳуқуқӣ, таҳияи низоми ҳуқуқии кишвар, тавсеаи демократия, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаклгирии давлати демократию дунявии тоҷикон саҳми бузургу тақдирсоз гузошт. Метавон гуфт, ки парлумони кишвар дар баробари иҷрои рисолати қонунэҷодкунӣ ва намояндагӣ аз халқ, таҳияи таҳкурсии ҳуқуқӣ ва қолаби қонунии рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома ёфт. Аз онҳоест, ки солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ҳамчун ҳамсафи содиқи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди кишвар саҳми бориз гузоштанд. Он вақт вазъият хуб набуд ва заҳмат, талош ва ҷасорати махсусро талаб мекард. Дар ин роҳ нури чашм, хуни ҷигар ва неруи зиёди қалбашро фидо намуда, бо ин амали нек дар дилу дидаи мардум маъво гузошт. Ин шахс ба маънои томаш ҷасур ва сатҳи одамияташ хеле баланд аст. То кунун аҳли кормандони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 12 сол роҳбарии дастгоҳи ин мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакатро ба зимма дошт, аз некиҳояш, ободкориҳояш ва таваҷҷуҳу дастгириаш нисбат ба онҳо бо некӣ ёдоварӣ менамоянд. Ҳар кас метавонад соҳибмансаб бошад. Ҳар кас метавонад олим ё сиёсатмадор шавад. Аммо на ҳар кас метавонад накукору муътабар ва маҳбуб гардад. Шахси мавриди назари мо чунин фард аст. Барои фаъолияти бисёрсолаи пурмаҳсул бо ҷоизаву мукофотҳои гуногун, аз ҷумла ордени «Шараф» дараҷаи 1 сарфароз гаштааст.

Нисбат ба дӯстон бениҳоят меҳрубон буда, хеле хоксору одӣ мебошад. Ҷоиз ба зикри алоҳида аст, ки дӯстонашон аз ашхоси содиқ, поквиҷдону масъулиятшинос таркиб ёфта, он дӯстиву бародарии абадӣ аст. Далели ин гуфта дӯстии Ҳамрохон Расулов бо шодравон Саттор Умаров аст, ки назирашро кам дидаам. Ӯ фарзанди фарзона ва содиқи миллату Ватан аст. Ба ӯ кадом вазифаеро бовар карданд, бо амри дилу тақозои виҷдон ва ҳисси масъулият ба иҷрояш мекӯшид ва онро бо сарбаландӣ иҷро менамуд. Ҳамаи ин аз ӯ камоли меҳнатдӯстӣ, дониши амиқ, маҳорати баланди касбиро тақозо мекард, ки онҳо меҳвари зиндагиаш ҳастанд. Ҳоло шарафмандона давлати пирӣ меронад. Хоҳони сарбаландии беш аз пеш, саломативу саодати бардавом ва файзу барори зиндагиаш ҳастем.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

---

**Роғун – арсаи нанг**

**Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳоло дар арафаи таҷлили сиюмин солгарди он қарор дорем, бори гарони сарварии кишварро бар дӯши фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон гузошт. Эмомалӣ Раҳмон дар маснади намояндагӣ то ин иҷлосия вакилони ҳақиқатҷӯ ва дурӯяро шинохта буд. Сарвари давлат вакилони он даъватро бо андешаҳои аз хостаҳои мардум баамаломада ба адлу инсоф даъват мекард.**

# ИҶЛОСИЯЕ, КИ РОҲИ ФАРДОРО МУНАВВАР КАРД



Дар натиҷа, ақли солим пирӯз гардид, вакилон шакли парлумонии роҳбарӣ ба кишварро дар он давраи ҳассос пазируфтанд. Барои он имрӯз мо бо ихлосмандии самимӣ Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷлосияи таърихӣ ва тақдирсоз мегӯем, ки хушбахтона, дар он вакилони мардумӣ бо раъйи мувофиқашон ба шахсияти Эмомалӣ Раҳмон эътимод намудаву ӯро Сарвари давлат интихоб карданд.

Мухтасар гӯем, ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон хотима бахшида тавонистан, баргардонидани гурезаҳо аз кишварҳои хориҷӣ ва бо вуҷуди душвориҳои иқтисодӣ ва мубориза ҳои Сарвари давлат алайҳи онҳое, ки мухолифи дубора аз сар гирифтани бунёди НБО «Роғун» буданд, қаҳрамонӣ ва мардонагист. Роҳбари давлат бо дарки моҳияти масъала аз рӯзи аввал истеҳсол ва истифодаи неруи барқро дар ҳаёти ҷамъиятӣ дар мадди аввал гузоштанд. Дар натиҷаи талошу кӯшишҳои роҳбарияти Давлат ва Ҳукумати мамлакат, таваҷҷуҳи саривақтӣ ба мушкилоти мардум буд, ки барои самаранок истифода бурдани манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ корҳои назаррас амалӣ гаштанд. Дар ин давра, тибқи маълумоти мавҷуда, дар Тоҷикистон 274 неругоҳи хурду миёнаи барқи обӣ мавриди истифода қарор гирифт. Дар эъмори неругоҳҳо саҳми Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон назаррас аст.

Ташаббуси бузург ва таърихие, ки аз ҷониби Сарвари давлат амалӣ шуд, бунёди НБО «Роғун» мебошад. Дар доираи коршиносони байналмилалӣ, хусусан минтақа, баҳсу мунозираҳо дар атрофи хатари он ба минтақа муғризона роҳандозӣ шуда буд, вале Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекарданд, ки бунёди НБО «Роғун» барои мардуми тоҷик зарур аст. Баъзе аз намояндагони воломақом ва коршиносони соҳаи энергетикаи кишварҳои хориҷӣ онро хатарноку ба муҳити зисти минтақа зараровар маънидод мекарданд. Баъзеҳо бунёди онро боиси нарасидани об ба кишварҳои поёноб медонистанд ва ошкоро мегуфтанд, ки Тоҷикистон иқтидори сохтмони чунин иншоотро нахоҳад дошт ва кӯшишу талошҳои роҳбарияти давлат беҳуда аст.

Бо вуҷуди мушкилиҳои сиёсию иҷтимоӣ, буҳрони молиявӣ, роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қароре омад, ки Неругоҳи барқи обии «Роғун» бояд сохта шавад. Дар мавриди аҳамияти бунёди ин неругоҳ дар ҳаёти сокинони Тоҷикистон ва минтақа, дар масъалаи истифодаи захираҳои обию энергетикии кишварамон чунин изҳор намуданд: «Мардуми мо яке аз қадимтарин халқҳои ин марзу бум аст ва дар давоми асрҳо бо ҳамсояҳои худ дар оромию осоиш ва муросову мадорро зиндагӣ кардааст ва мо ба ҳеҷ ваҷҳ ҳамсояҳои худро бе об нахоҳем гузошт».

Ояндаи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, донишу фарҳанги баланд, таҷрибаи ҳаёт ва маҳорату малакаи касбӣ, талошу кӯшишҳои зиёду пайвастаи Пешвои миллат манфиатовар будани сохтмони ин неругоҳро аз минбарҳои баланди созмонҳои байналмилалӣ ба ҷаҳониён собит намуд ва бо гузаронидани ташхиси байналмилалӣ устувории сохтмони он ниҳоят тасдиқ гардид. Маҳз ба шарофати сиёсати созанда ва бунёдкоронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохтмони иншооти стратегии муҳими кишвар бо ҷӯшу хурӯш идома ёфт. Агар соли 2008 барои сохтмони он 2780 мутахассис ва коргар сафарбар гардида бошад, соли 2018 дар арафаи ба истифода додани агрегати якуми он теъдоди онҳо ба 21 ҳазору 268 нафар расид.

Пешниҳоди Сарвари давлат аз ҷониби аҳолӣ ва ҳамватанони бурунмарзиамон дар хусуси саҳмгузорӣ ба эъмори Неругоҳи барқи обии «Роғун» аз ҳисоби буҷети давлат ва саҳмияҳои аҳолӣ гарму ҷӯшон истиқбол гардид, зеро мардум аз камбуди барқ, хоса дар давраи зимистон ба танг омада буданд ва мефаҳмиданд, ки бунёди бузургтарин неругоҳи барқи обӣ дар минтақа замонати пешрафти тараққиёт, болоравии иқтисоди миллӣ, некуаҳволии халқ ва зиндагии шоистаи Ватанамон мегардад.

Бо ҳиссагузорӣ аз ҷониби халқ ва бо талошҳои Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсан талошҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳар чӣ зудтар ба истифода додани агрегатҳо кор авҷи тоза гирифт. Дар бунёди иншооти бузурги аср дар паҳлуи ширкатҳои ватанӣ, ширкатҳои хориҷӣ ҳам иштирок намуда, дар раванди таҳкими иқтисодӣ ва муносибатҳои дӯстона саҳм гузошта истодаанд. Ҳоло ҳам дар сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» дар баробари 35 ширкати ватанӣ беш аз даҳ ташкилоти хориҷӣ дар кори лоиҳакашиву сохтмонӣ саҳми муносиб мегузоранд.

Хулоса, идомаи сохтмони ин иншооти бузурги аср, ба қавли мардуми миннатпазири кишварамон, маҳз ба шарофати сиёсати ватандорӣ, худшиносӣ ва бунёдкориву ободкориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда шуд.

**Самандар ИСКАНДАРОВ, рӯзноманигор**

---

**Давоми чанд соли охир бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи футболи мамлакат ва шарикони рушд дар шаҳри Хоруғ зиёда аз 30 майдони варзишиву майдончаҳои бозиҳои кӯдакона мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд.**

# ИФТИТОҲИ 30 МАЙДОНИ ВАРЗИШӢ ДАР ХОРУҒ





Раиси вилоят Алишер Мирзонабот ва раиси шаҳри Хоруғ Ризо Назарзода зимни маросими ифтитоҳи боз як майдони нави варзишӣ дар маҳаллаи Валдош Гулмамадови Ҷамоати шаҳраки Шоҳтемуриёни шаҳри Хоруғ изҳор доштанд, ки дар заминаи чунин дастгириҳо на танҳо сохтмони иншооти варзишӣ, балки дигар мушкилоти сокинон дар робита бо рӯ овардан ба ҳаёти солим, дастрасӣ ба оби ошомиданӣ, нақлиёт ва ғайра ҳал шуда истодаанд.

Алишер Мирзонабот бунёди майдончаҳои варзиширо на танҳо барои шуғл варзидан ба варзиш, инчунин, мазҳари иттиҳоди наслҳоиояндасоз атрофи беҳтарин арзишҳои миллӣ, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ ва дурӣ ҷустан аз ҳар гуна амалҳои ношоиста номид.

Сокинони шаҳр аз таваҷҷуҳи доимии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат изҳори фараҳу қаноатмандӣ карда, ба Пешвои миллат миннатдорӣ баён карданд.

**М. ИМОМНАЗАР, «Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 412185 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар | Сохтмони фаввора дар қароргоҳи ҳукуматӣ барои қабули меҳмонон дар ноҳияи Шаҳритуз | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 31.10.2022 10:15:20 |
| 2 | 412176 | Муассисаи давлатии «Маркази эҷодиёти кӯдакон ва наврасон»-и ноҳияи Рӯдакӣ | Таъмири ҷории марказ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 03.11.2022 09:20:00 |
| 3 | 412175 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдорӣ ва истифодабарии иншоот»-и назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Ниҳоли гул, молҳои рӯзгор, насос, масолеҳи истеъмолӣ, нуриҳои органикӣ, минералӣ ва коммутатор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 03.11.2022 10:00:00 |
| 4 | 412183 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Омодакунӣ ва насби баннерҳо, лавҳа ва овезаҳо дар биноҳои таълимию маъмурии муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 03.11.2022 10:00:00 |
| 5 | 412168 | Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд | Ангишт ва ҳезум | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 14.11.2022 08:15:15 |
| 6 | 412177 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории фароғатгоҳи берунашшаҳрии «Зимчуруд» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.11.2022 09:30:00 |
| 7 | 412178 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Лавозимоти либоси ягона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 14.11.2022 09:30:18 |
| 8 | 412171 | Бонки миллии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётӣ барои автомашина | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 65 | 14.11.2022 10:00:00 |
| 9 | 412184 | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизоти техникии идоравӣ, ноқил, қубурҳои пластикӣ барои васли ноқил, лампаҳои светодиодӣ ва прожектор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 25 | 14.11.2022 10:00:00 |
| 10 | 412172 | Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон | Равғанҳои молиданӣ, қолинчаи резинӣ, аккумулятор, қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 14.11.2022 11:00:00 |
| 11 | 412163 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 14.11.2022 11:15:00 |
| 12 | 412164 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории боғу гулгаштҳо»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Тухми гул, поруи органикӣ ва нуриҳои минералӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 14.11.2022 11:33:58 |
| 13 | 412165 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Турсунзода | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 45 | 14.11.2022 11:38:05 |
| 14 | 412166 | Муассисаи давлатии «Хона - интернати пиронсолон ва маъюбон»-и шаҳри Турсунзода | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 14.11.2022 11:41:18 |
| 15 | 412182 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» | Нишондиҳанда (датчик)-и манометр ва расходометр | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 14.11.2022 13:00:00 |
| 16 | 412144 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётӣ барои автомобил | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 239 | 14.11.2022 13:02:05 |
| 17 | 412186 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | Таҷҳизоти офисӣ ва қисмҳои эҳтиётии онҳо, камера, ҳисобкунаки пул, лампа, картридж, лавозимоти кабелӣ ва шабакавӣ, масолеҳи масрафшаванда ва сими дарозкунанда | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 43 | 14.11.2022 13:30:00 |
| 18 | 412181 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 14 | 14.11.2022 13:40:00 |
| 19 | 412173 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | Ҷиҳози бистарӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 14.11.2022 13:50:00 |
| 20 | 412174 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Контейнер барои партовҳои хӯрокворӣ, сейфи дарунсохташуда ва лифтҳои телескопӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 14.11.2022 14:00:00 |
| 21 | 412169 | Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Нуробод | Молҳои канселярӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 25 | 14.11.2022 14:00:50 |
| 22 | 412190 | Маҷмааи давлатиии «Қасри миллат» -и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагӣ ва маводи шустушӯӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 48 | 14.11.2022 14:15:18 |
| 23 | 412180 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Иҷозатнома барои почтаи электронӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 14.11.2022 14:30:00 |
| 24 | 412191 | Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 14.11.2022 14:30:23 |
| 25 | 412167 | Маркази саломатии бемориҳои рӯҳии ВМКБ | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 14.11.2022 15:00:00 |
| 26 | 412187 | Муассисаи «Интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ятиму бепарастор» дар ноҳияи Ш. Шоҳин | Хӯрокворӣ ва шиму костюм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 41 | 15.11.2022 11:13:15 |
| 27 | 412188 | Беморхонаи клиникавии №1-и шаҳри Хуҷанд | Молҳои канселярӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 55 | 15.11.2022 11:55:00 |
| 28 | 412189 | Шуъбаи маорифи шаҳри Гулистон | Сохтмони бинои мактаб барои кӯдакони болаёқат барои 400 ҷой дар 1 баст дар шаҳри Гулистон (корҳои заминканӣ, корҳои сантехникӣ, кашидани кабел ва корҳои бетонрезӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.11.2022 12:00:00 |
| 29 | 412192 | Муассисаи давлатии таҳсилоти томактабии «Кӯдакистони №8»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 27 | 15.11.2022 15:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ХАДАМОТИ ИҶРОИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин озмун эълон менамояд:**

**Дастгоҳи марказӣ:**

1. Сардори шуъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқӣ, маоши вазифавӣ – 2115,8 сомонӣ;
2. Мутахассиси пешбари Раёсати ташкил ва назорати иҷрои ҳуҷҷатҳои иҷро, маоши вазифавӣ - 1286,56 сомонӣ.

**Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ:**

3. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, маоши вазифавӣ - 1112,20 сомонӣ;
4. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, маоши вазифавӣ - 1112,20 сомонӣ;
5. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар Суди иқтисодии шаҳри Душанбе, маоши вазифавӣ - 1112,20 сомонӣ.

**Раёсати иҷро дар вилояти Суғд:**

6. Сармутахассиси Раёсати иҷро дар вилояти Суғд, маоши вазифавӣ - 1361,20 сомонӣ;
7. Мутахассиси пешбари Раёсати иҷро дар вилояти Суғд, маоши вазифавӣ - 1170,30 сомонӣ;
8. Иҷрочии калони Хадамоти иҷро дар Суди ҳарбии гарнизони Хуҷанд, маоши вазифавӣ - 1361,20 сомонӣ;
9. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, маоши вазифавӣ – 1112,20 сомонӣ;
10. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар Суди ҳарбии гарнизони Хуҷанд, маоши вазифавӣ - 1170,30 сомонӣ;
11. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Конибодоми вилояти Суғд, маоши вазифавӣ - 1170,30 сомонӣ.

**Раёсати иҷро дар вилояти Хатлон:**

12. Иҷрочии калони Хадамоти иҷро дар ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон, маоши вазифавӣ - 1286,5 сомонӣ;
13. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар Суди иқтисодии вилояти Хатлон, маоши вазифавӣ - 1170,30 сомонӣ;
14. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон, маоши вазифавӣ - 1062,40 сомонӣ;
15. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Восеи вилояти Хатлон, маоши вазифавӣ - 1112,20 сомонӣ;
16. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, маоши вазифавӣ - 1062,40 сомонӣ.

**Шуъбаи иҷро дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон:**

17. Сармутахассиси шуъбаи иҷро дар ВМКБ, маоши вазифавӣ - 1427,60 сомонӣ;
18. Иҷрочии калони Хадамоти иҷро дар шаҳри Хоруғи ВМКБ, маоши вазифавӣ - 1361,20 сомонӣ;
19. Иҷрочии калони Хадамоти иҷро дар Суди ҳарбии гарнизони Хоруғ, маоши вазифавӣ - 1427,60 сомонӣ.

**Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- ариза ба унвони роҳбари мақомот;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо;
- тарҷумаи ҳол (дастнавис ва чопӣ);
- нусхаи диплом бо замимааш;
- расми 4х6 - 2 дона, 9х12 - 1 дона;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- маълумотномаи тиббӣ оид ба вазъи саломатӣ дар шакли 038 УЕ;
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда;
- эъломия дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкии худ аз мақомоти андоз;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи билети ҳарбӣ;
- маълумотнома аз ҷои истиқомат;
- маълумотнома дар бораи ҳайати оила;
- хислатнома;
- маълумотнома оид ба надоштани доғи судӣ.

**Талаботи тахассусӣ нисбати довталабони мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ:**

- таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ;
- собиқаи умумии меҳнат ва таҷрибаи кор аз рӯи ихтисос;
- донистани забони давлатӣ, таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ ва малакаи кор бо компютер;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатиро ба танзим медароранд;
- адои хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнок (ба истиснои занон, инчунин мардоне, ки билети ҳарбӣ доранд, ба ғайр аз онҳое, ки хизмати ҳарбиро дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ адо кардаанд);
- барои ишғоли мансабҳои холии сардори шуъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқӣ 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ва ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ, барои ишғоли мансаби сармутахассис ва иҷрочии калон 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ, барои ишғоли мансабҳои иҷрочӣ ва мутахассиси пешбар 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ зарур мебошад.

Донистани забонҳои хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад.

**Эзоҳ:** ариза ва ҳуҷҷатҳо доир ба озмун аз рӯзи нашри эълони мазкур дар муҳлати 21 рӯз дар шуъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқии **Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Исмоили Сомонӣ - 8** (бинои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, ошёнаи сеюм) қабул карда мешаванд.

**Телефонҳо барои тамос: 228-98-36; 228-98-29.**

# ТАТБИҚИ ЛОИҲА_БАҲРИ БЕҲСОЗИИ ИНФРАСОХТОРИ МАҲАЛЛӢ ВА ДАСТГИРИИ ҶАВОНОН

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи ҳамкориҳо бо Бонки умумиҷаҳонӣ маблағҳои грантиро барои татбиқи «Лоиҳаи таҳкими устувории иҷтимоӣ-иқтисодӣ» ҷалб намуда, лоиҳаи мазкур ба усули рушд бо ташаббуси ҷомеа асос ёфтааст. Дар ин замина баҳри беҳсозии инфрасохтори маҳаллӣ шасту нуҳ афзалияти ҷамоаҳои минтақаҳои фарогир дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои Панҷ, Фархор, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ванҷ, Шуғнон, Ишкошим тибқи талаботи лоиҳавӣ муайян шуда, амалисозии зерлоиҳаҳо оид ба бунёди иншоотҳои иҷтимоӣ дар соҳаҳои гуногун бо дарназардошти субгрантҳо ва мутобиқатии воқеӣ дар доираи татбиқи «Лоиҳаи таҳкими устувории иҷтимоӣ-иқтисодӣ» маблағгузорӣ мегардад.

Ҳамчунин, бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷавонон дар минтақаҳои фарогири лоиҳа ҳабдаҳ маркази омӯзишӣ бунёд шудааст, ки онҳо бо таҷҳизоти компютерӣ ва мебелу лавозимоти зарурӣ таъмин гардидаанд. Дар ин раванд, баҳри рушди ҷавонон ва таъмин намудани онҳо бо манбаъҳои воситаҳои зиндагӣ, омӯзишу чорабиниҳои лоиҳавӣ дар марказҳои бунёдшуда пайваста баргузор карда мешаванд.

«Лоиҳаи таҳкими устувории иҷтимоӣ-иқтисодӣ» баҳри таҳкими иқтидори худидоракунии маҳаллӣ, дастгирии ҷавонон ва беҳсозии инфрасохтори иҷтимоию иқтисодӣ аз ҷониби Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон татбиқ мегардад.

**Барои гирифтани маълумот ба рақамҳои (+992 37) 221-87-53, (+992 37) 221-68-44 тамос гиред.**

# РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН
# ПРОЕКТ СЕЛЬСКОГО ВОДОСНАБЖЕНИЯ И САНИТАРИИ (ПСВС)
## Уведомление о продлении срока подачи конкурсных предложений

**Наименование заданий:**

**1. Реконструкция головного водозабора в районе Кушониён Хатлонской области**

Номер НКТ: RWSSP-W/008, Грант МАР №: D4310-TJ

**2. Строительство водовода от водоочистных сооружений до распределительной камеры №1 Вахшской группы районов**

Номер НКТ: RWSSP-W/014, Грант МАР №: D4310-TJ

1. Центр Управления Проектом сельского водоснабжения и санитарии (ПСВС) УВЕДОМЛЯЕТ участников торгов и других заинтересованных лиц о продлении крайнего срока представления предложений на выполнение строительных работ нижеследующих объектов:

**RWSSP-W/008 «Реконструкция головного водозабора в районе Кушониён»,**

**RWSSP-W/014 «Строительство водовода от водоочистных сооружений до распределительной камеры №1 Вахшской группы районов».**

2. Конкурсные предложения по проектам необходимо доставить по указанному ниже адресу в указанное время или ранее: **$15^{00}$ по местному времени 10 ноября 2022 года.** Электронные торги не разрешаются. Опоздавшие конкурсные предложения будут отклонены. Конкурсные предложения будут вскрыты публично в присутствии назначенных представителей участников торгов и всех желающих присутствовать:

**- По проекту RWSSP-W/008 «Реконструкция головного водозабора в районе Кушониён», в $15^{00}$ по местному времени 10 ноября 2022 года;**

**По проекту RWSSP-W/014 «Строительство водовода от водоочистных сооружений до распределительной камеры №1 Вахшской группы районов» в $15^{30}$ по местному времени 10 ноября 2022 года, по адресу: Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Шохтемур - 27, первый этаж, кабинет 10.**

3. Дополнительную информацию можно получить по указанному ниже адресу в рабочее время с $09^{00}$ до $17^{00}$ (местное время):

**Центр Управления Проектом сельского водоснабжения и санитарии (ПСВС)**

**Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Н. Карабаева - 56, 4 этаж.**

**Тел.: + (992 37) 233 88 25; + (992 37) 233 13 30, E-mail: rwssp@midp.tj**

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи 6Д-7 – 1955-и гумшуда, ки онро Идораи дуюми нотариалии давлатии шаҳри Душанбе 25 декабри соли 1992 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Фирдавсӣ - 7/4, квартираи 25 ба Раҳмонова Давлатмо Достиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ барои ҳавлидорӣ таҳти №18921-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» 21 декабри соли 2012 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Сомон, деҳаи Чаманистон ба Ахмадов Ривоҷиддин додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии силсилаи Ш 19531-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур соли 2019 ба Файзуллоев Шамсулло Неъматуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи ҳадяи ½ (аз ду як) ҳиссаи хонаи истиқоматии силсилаи ДШ №0623177, таҳти феҳрасти №1Ш-741-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 1 июни соли 2015 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Сари Осиё (собиқ Чекалин) ½ (аз ду як) ҳиссаи хонаи истиқоматии №28 ба Салихова Мусавар Нажимовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Сари Осиё №28 (80-272) санаи 11 октябри соли 2021 ба Салихова Мусавар Нажимовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии таҳти қайди 2541-и гумшуда, ки онро КФБТ-и ноҳияи Ленин (ҳоло ноҳияи Рӯдакӣ) моҳи августи соли 1993 бо суроғаи Ҷамоати деҳоти Роҳатӣ, деҳаи Ганҷобод, бинои 6, квартираи 23 ба Нуров Умаралӣ Миралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Табаров Каримҷон Бахтиерович, санаи таваллудаш - 3 декабри соли 1994 додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти №2030053401-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фархор 3 майи соли 2017 ба Шокиров Саидакобир Тешаевич додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон соли 2021 ба Шарифзода Ромиш додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон соли 2021 ба Амиршоев Анушервон Саидмуҳаммадович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Бинокорон, бинои 9, квартираи 17 ба Дулоева Садафмо Латифовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А №00446535-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 6 феврали соли 2016 ба Мирзоева Маҳвашгул Маҳмадхоновна додааст, эътибор надорад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Некқадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 26 октябри соли 2022, соати 16:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33425 нусха*

Навбатдори шумора
Ш. Абдулвоҳидова

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров